# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна дар мавзӯи «Ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти олии касбии педагогӣ(дар асоси маводи омӯзиши забони англисӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08.-Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ(13.00.08.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)**

Дар ҷомеаи доимопешраванда ва тезтағйирёбанда омӯзиши забонҳои хориҷӣ, махсусан, забони англисӣ хеле муҳим буда, таълиму тадриси он дар низоми таҳсилоти олии касбӣ мақоми хоса дорад. Асосгузори сулҳу ваҳдат – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо ибрoз намудаанд, ки сиёсати Ҳукумат доир ба забон, дар қатори забони тоҷикӣ, амалкарди баробарҳуқуқии дигар забонҳоро таъмин месозад ва барои азхудкунии онҳо имконият фароҳам меоварад. Дар ин ҳол, омӯхтану азхудкунии забонҳои хориҷӣ, ба ҳеҷ ваҷҳ, бар зарари забони давлатӣ нахоҳад буд.

Дар шароити ҳамкориҳои байналмилалии устувор ва ҳамгироёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷомеаи ҷаҳонӣ талабот ба мутахассисони донандаи хуби забони англисӣ ва қодир ба истифодаи пурмаҳсули он дар ҳолатҳои воқеии касбӣ ва муоширати ҳамарӯза дар ҳоли афзудан мебошад. Дар робита ба ин талаботи замон, андешидани чораҳои муассир оид ба такмили минбаъдаи шакл ва методҳои таълиму тарбия ҳамчун воситаи муҳими муоширати байналмиллалӣ як амри зарурӣ ба ҳисоб меравад.

Бо такя ба сиёсат ва ба афзалиятҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикитон дар давраи то соли 2023 беҳтаршавии низоми идоракунӣ дар раванди таълими забони англисӣ, таъминоти методӣ ва кадрии низоми таҳсилот дар ин самт, ҳамчун яке аз вазифаҳои асосӣ дар соҳаи таҳсилот муайян карда шудааст. Мутобиқсозии раванди таҳсилот ба талаботи замони муосир, ки дар ҷумҳурӣ роҳандозӣ мегардад, пеш аз ҳама навсозии муҳтавои таҳсилотро дар назар дора два рушди илми муосир ҳам бидуни мубодилаи фаъоли байналмиллалӣ амалан имконпазир мегардад. Маълум аст, ки донистани забонҳои хориҷӣ ба ворид гардидан ба таърихи гузаштаи халқҳо, донистани ҳолати кунунии онҳо ва пешбинии ҳамкориҳои оянда мусоидат намуда, ба ошноӣ ва арзёбии шоҳкорҳои фарҳанги ҷаҳонӣ кӯмак мерасонад.

Муҳаққиқ Мавлонова И.Т. барои интихоби мавзӯи таҳқиқотии худ ба ғояи ташаккулёбии тафаккур ва инкишофи нутқ дар пажӯҳишҳои фалсафӣ ва психологию педагогӣ такя намуда қонуниятҳои инкишофи шахсият ва тафаккури ӯро дар самти мазкур мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додааст. Таҳлили адабиётҳои илмии психологӣ, педагогӣ ва лингводидактикӣ нишон медиҳанд, ки бисёр олимону муҳаққиқон ба робитаи байниҳамдигарии ташаккули тафаккури мустақилона ва инкишофи нутқи донишҷӯён аҳамияти махсус додаанд, зеро дар омӯзиши проблемаи донишҳои илмӣ ҳамчун ҷузъи таркибӣ ва ҷудонашавандаи тамоми соҳаҳои

илми педагогӣ рушд менамояд. Дар ҷомеаи демократии мо, ки методҳои наву такмилёфтаи омӯзиш хуб пазируфта мешаванд, проблемаи мазкур бояд ҷойгоҳи сазовори худро дар рушди илми педагогика ишғол намояд. Тамоюл ба азхудкунии забони хориҷӣ дар заминаи забони модарӣ як навъ рамз ё нишонаи замон, талаботи ҳаёт, зарурати воҷиб барои насли ҷавон мебошад. Забони англисиро омӯхтани насли наврас муносибатҳои миёни халқҳоро осон мегардонад ва бо баркароршавии робитаҳои дӯстӣ, ҳамкорӣ ва фарҳангӣ миёни кишварҳо мусоидат менамояд. Чӣ тавре, ки дар диссертатсия таъкид шудааст омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои олии таълимӣ мақсадҳои амалӣ, тарбиявӣ, таълимӣ ва рушду ривоҷдиҳанда дорад, ки дар зимн амалишавии мақсадҳои дурнамои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди аз тарафи донишҷӯён азхудкунии маҳорату малакаи амалии забономӯзӣ ба роҳ монда мешаванд.

Диссертант самтҳои таҳқиқи мавзӯро мувофиқи мақсад дастабандӣ намуда, дар боби аввал доир ба асосҳои назариявӣ ва методологии инкишофи қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён сухан рондааст ва боби аввал се фаслро дар бар гирифтааст. Дар асоси таҳлили таҳқиқоти фалсафӣ, педагогӣ, психологӣ тавсифномаи объект ва предмети он аз мавқеи равиши педагогӣ пешниҳод гардидааст.

Дар боби дуввум, ки «Ташаккули қобилияти коммуникативию нутқӣ дар омӯзиши забони англисӣ» номида шудааст ва он натиҷагирӣ аз сарчашмаҳои илмии назариявӣ ва натиҷаҳои бадастомада дар марҳилаҳои гуногуни кори таҷрибавию озмоиширо дар бар гирифтааст. Инчунин шароити педагогии истифодаи самаранокии технологияи педагогӣ ҳамчун воситаи худсозмондиҳии фаъолияти таълимии донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Донишгоҳи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода дар асоси маводи омӯзиши забони англисӣ муайян гардидааст. Диққати махсус ба марҳилаи муайянсозӣ, танзим ва назорат ба сатҳи шаклгирии қобилияти коммуникативӣ – нутқии донишҷӯён дар заминаи забони модарӣ дода шудааст.

Бояд қайд кард, ки масъалаи мазкур аз тарафи Мавлонова И.Т. аз диди нав - талаботҳои шароити муосир ба ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ – нутқии донишҷӯён дар асоси омӯзиш забони англисӣ дар заминаи забони модарӣ, баҳисобгирии граматикаи забони тоҷикӣ таҳқиқу баррасӣ карда шудааст.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна «Ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ – нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти олии касбии педагогӣ (дар асоси маводи омӯзиши забони англисӣ)» мазмуни асосӣ ва мухтасари рисоларо бо назардошти омилҳои сохториву мундариҷавӣ дар бар гирифта, доир ба мавзӯи таҳқиқот маълумоти дақиқи илмиро фаро гирифтааст. Тарзи масъалагузорӣ, таҳлил ва баррасиҳои муаллиф дар заминаи маводи фаровони марбут ба мавзӯъ, мисолу далелҳои мушаххас ва музокиравониҳои илмиву мантиқӣ шакл гирифтааст. Дар баробари ин,

баъзе мулоҳизоти зешро ҳамчун пешниҳод баён мекунем. Ба фикри мо хуб мешуд, ки баъзе ноқисиҳои имлоию услубӣ таҷлил назар карда мешуд.

Ба ҳамин хулосае омадем, ки автореферати диссертатсияи Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна дар мавзӯи «Ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ – нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти олии касбии педагогӣ (дар асоси маводи омӯзиши забони англисӣ)» тамоми ҷанбаҳои мавзӯи таҳқиқотиро фаро гирифта, кори анҷомёфта ба шумор меравад. Автореферат бо тамоми хусусият ва нишондодҳояш ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ аст ва муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) сазовор мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
и.в. дотсент,
ноиби ректор оидикорҳоии варзишӣ
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон
ба номи С.Рахимов Зайдуллоев Ҳ.Р.

Имзои и.в.дотсент Х.Зайдуллоевро
тасдиқ мекунам
Сардори шӯъбаи кадрҳои ДТҶТ
Тоҷикистон ба номи С.Рахимов Деҳқонова З.